“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_________________ Сафарзода М. В.
«____» ____________ соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Мавзуи диссертатсия ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 31.03.2014, қарори №8 тасдиқ шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шодизода Саодат Исломхон ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики муассисаи мазкур ба пажуҳиш машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи муассисаи мазкур фаъолият дорад.

Шодизода Саодат Исломхон соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2009 хатм намуд.

Имтиҳоноти номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ супоридааст.

Шаҳодатномаи аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар он хусус дода шудааст, ки вай имтиҳоноти номзадиро аз рӯйи фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои хубу аъло супоридааст.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ** Шодизода Саодат Исломхон, доктори илмҳои таърих, дотсент, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муродзода Аҳмадхон Амрохон ва мушовири илмии унвонҷӯ, Назарзода П.С., д.и.сиёсӣ профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 19 ноябри соли 2025, №4 муҳокима гардидааст. Дар муҳокимаи рисола иштирок доштанд: доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Назарзода П.С., н.и.с., дотсент Пирназаров Э., н.и.т., дотсент Сафаров Х.Х., н.и.т., дотсент Суфиев С.Н., н.и.т., дотсент Файзов Н.Н., доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси таърих, дотсент Холмуродзода М.Б., доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси таърих Ватанзода Ш.В., н.и.ҳ., дотсент Каримҷонзода М.К., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Ш.Ш., муаллимони калон Каримзода И., Иброҳимзода З.И., Шамсияи Т., Сайдализода Р.А ва унвонҷӯёну докторантони (PhD)–и кафедра, инчунин намояндагони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои таърих Ҳотамов Н.Б. ва ходими илмии Институти мазкур Акрамов Муртазо иштирок

доштанд. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» чунин хулоса қабул карда шуд:**

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар илми таърихи ватанӣ нахустин таҳқиқоти муфассал оид ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо ва таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқикоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он максад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии мавзуъ.** Вобаста ба зарурияти воқеии таҳқиқот муҳиммияти мавзуъ аз инҳо иборат мебошад:

– то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021) таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад;

– барои дарки нисбатан васеи илмии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа ва ноҳияҳои он ба миён омадааст;

– мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкур, инчунин ба он вобастагӣ дорад, ки имкони муайян намудани сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии ҷумҳурӣ ва хусусиятҳои алоқаманд ба минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ба вуҷуд меояд;

– ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, равшанӣ андохтан ба таърихи он, дастовардҳо, мушкилот, таҳлили роҳҳои бартараф кардани онҳо ва дар маҷмуъ нишон додани саҳми минтақа дар раванди созандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолият;

– Истиқлолият барои миллати тоҷик бузургтарин дастоварди таърихии замони муосир ба шумор меравад, ки ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳама минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба куллӣ тағйир дод. Дар ибтидои ин шоҳроҳи нав, ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар бо буҳрони шадиди сиёсӣ ва минбаъд ба ҷанги шаҳрвандӣ пайваст, ки осор ва оқибати ногувори он то ба имрӯз боқӣ мондааст. Яке аз ҳамин гуна гушаҳои кишвар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021) мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз омӯзиши ҳамаҷониба ва инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ иборат мебошад. Бо дарназардошти мақсади зикршуда дар диссертатсия **вазифаҳои зерин гузошта шудааст:**

- таҳқиқ ва омӯзиши оғози дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX ва ибтидои асри XX1;

- омӯзиш ва таҳқиқи тадбирҳои муҳимми сиёсии марҳалаи аввали замони истиқлолият ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсӣ;

- ошкор намудани заминаҳо ва сабабҳои бухрони иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои аввали Истиқлолият;

- таҳқиқ ва муайян кардани омилҳои пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иктисоди бозорӣ;

- омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёни рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъғйироти ҳаёти аграрию деҳқонии минтақа дар давраи истиқлолият;

- таҳқиқ ва омӯзиши тағйирот ва комёбиҳои соҳаи маорифи минтақа дар замони истиқлолият;

- омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи дараҷаи хизмати тибии аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақа;

- таҳқиқи вазъи муассисаҳои маданӣ-равшанинамоӣ ва рушди соҳаи фарҳанги минтақаи Кӯлоб дар шароити нави соҳибистиқлолӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ, бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин радиф, ба рӯйдодҳо ва далелҳои марбут ба таърихи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, дар солҳои истиқлолият (1991-2021), баҳои воқеӣ дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Назару андеша, ғояи илмӣ ва хулосаю натиҷагириҳои дар кори таҳқиқот пешниҳодгардида метавонад, барои пурраю аниқ гардонидан ва такмил додани донишҳои илмии таърихи халқи тоҷик роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мусоидат намояд. Бо истифода аз таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва татбиқи методологии алоқаманд ба соҳа, ҷузъиёти хоссаи таърихи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ муайян мегардад.

Баррасиҳои таҳқиқот метавонад, барои омода намудани матни лексия дар соҳаи илмҳои таърих, дар таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ ва китобҳои дарсӣ мавриди истифода қарор гиранд. Онҳо метавонанд дар чараёни таълими курсҳои дахлдор ва курсҳои махсус аз фанни таърих дар муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд. Таҳлили анҷомгирифтаро метавон як навъ намунаи таҳқиқоти соҳавӣ роҷеъ ба масъалаҳои таърих дар замони соҳибистиқлолӣ арзёбӣ намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ дар асоси шумораи зиёди маводҳои бойгонии матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар солҳои истиқлолият, таҳқиқоти, маҷмуиро анҷом додааст. Натоиҷи таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла хулосаҳои илмӣ, навгониҳои илмӣ, муқарраротн ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба бандҳои 1, 2, 6, шиносномаи ихтисосхои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.02 – Таърихи ватанӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърузаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмиинашрнамудаи диссертант солҳои 2019–2024 инъикос ёфтаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм ва самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ ҷиҳати омӯзиши ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021) дар замони муосир аҳаммияти бузург дошта, пурра алоқамандӣ дорад.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, инчунин дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи муҳимми диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021), (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021,дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундаричаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1- М]. Акрамова С.И. (Шодизода С.И.)., Назарзода П.С. Оғоз ва рафти корҳои сохтмонӣ дар шоҳрохи Кӯлоб- Дарвоз (Қалъаи Хумб) [Матн] / С.И. Акрамова (Шодизода С.И.), П.С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. Душанбе, 2023. №3 (32) 2023.- С. 248 - 255. ISSN -2616-5269.

[2- М]. Акрамова С.И. (Шодизода С.И.). Рушди иқтисодиёти шаҳр ва минтақаи Кӯлоб дар ибтидои давраи Истиқлолият [Матн] / С.И. Акрамова (Шодизода С.И.) // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиноси, педагогика ва филология. - Кӯлоб, 2023. №4 -2 (33) 2023.- С. 350 - 357. ISSN. 2616 - 5260.

[3-М]. Акрамова С.И. (Шодизода С.И.), Назарзода П.С. Вилояти Хатлон: нақши соҳаи кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт [Матн] / С.И. Шодизода., П.С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиноси, педагогика ва филология. - Душанбе, 2024. №4 -1 (37). - С. 11 - 17. ISSN 2616 -5260.

[4-М]. Акрамова С.И. (Шодизода С.И.). Ҳаёти ҷамъияти-сиёси ва иқтисодии шаҳри Бостонии Кӯлоб дар 10-соли аввали Истиқлолият / С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2024. № 5-6. – С. 220-225. ISSN 2219-5408.

[5-М]. Шодизода С.И. Рушди фарҳанги минтакаи Кӯлоб дар замони Истиқлолият [Матн] / С.И. Шодизода // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2025. № 3. – С. 122-129. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Шодизода С.И., Муродозода А.А. Аз таърихи рушд ва инкишофи соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар [Матн] / С.И. Шодизода., А.А. Муродзода // Донишгохи давлатӣ омузгории Точикистон ба номи С. Айни – Душанбе, 2025. №4 - С. 320-324. ISSN 2074 -1847.

[7-М]. Шодизода С.И., Назарзода П.С. Рушди соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолӣ [Матн] / С.И. Шодизода., П.С. Назарзода // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2025. №7 - С. 66-72. ISSN 2074 -1847.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[8-М]. Акрамова, С.И. (Шодизода С.И.). Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва аҳаммияти таърихии он [Матн] / С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар фалсафа ва илми муосир. (25-26 октябри соли 2023). – Кӯлоб, 2023. - С. 72-76.

[9-М]. Назарзода, П.С, Акрамова, С.И. (Шодизода С.И.) Ҳаёти иқтисодии минтақаи Кулоб дар давраи истиқлолият [Матн] / П.С. Назарзода., С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // ДТМИК. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Ҳамгирои илм, инноватсия ва истеҳсолот заминаи асосии татбиқи технологияи дуалии таҳсилот”. (25-26 октябри соли 2023). – Кӯлоб, 2023. – С. 347 - 354.

[10-М]. Назарзода, П.С., Акрамова, С.И. (Шодизода С.И.) Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди роҳи автомобилии Кӯлоб – Дарвоз (Қалъаи Хумб) [Матн] / П.С. Назарзода, С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // ДТМИК. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Ҳамгирои илм, инноватсия ва истеҳсолот заминаи асосии татбиқи технологияи дуалии таҳсилот”. (25-26 октябри соли 2023). – Кӯлоб, 2023. – С. 371-376.

[11-М]. Назарзода, П.С., Акрамова, С.И. (Шодизода, С.И.).

Шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” - ҳамчун асари таърихнигорӣ [Матн] / П.С. Назарзода, С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // ДТМИК, Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Равишҳои муосир ба азхудкунии муштараки технологияҳо ва имкониятҳои фазои кайҳонӣ дар таъмини рушди технологӣ, инноватсионӣ ва рақамикунонии истеҳсолот дар ҳошияи амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020-2040 (22-23 декабри соли 2023). – Кӯлоб, 2023. – С. 428-432.

[12-М]. Акрамова, С.И. (Шодизода, С.И.).- Ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва баргузории фестивали «Таронаи чакан» [Матн] / С.И. Акрамова (С.И. Шодизода) // ДТМИК, Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат, рушд ва имкониятҳои истифодабарии самараноки он» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 ва Рӯзи энергетикҳо (20-21 декабри соли 2024). – Кӯлоб, 2024. –С. 507-510.

[13-М]. Шодизода, С.И., Назарзода П.С. Фарҳанги минтайаи Кӯлоб: рушд ва инкишофи он дар замони истиқлолият [Матн] / С.И. Шодизода., П.С. Назарзода // ДТМИК, Маводи Конференсияи ғумйуриявии илмч-назариявч дар мавзуи «Фарйанги сулйофарии Пешвои Миллат заминаи эйёи ваҳдати миллӣ ва бақои Истиқлоли давлатӣ” (Бахшида ба 28 - солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ ва 80 - солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ). (13 июни соли 2025). – Кӯлоб, 2025. –С. 111-117.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шодизода С.И. дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021), (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ кори таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 19.11.2025, №4 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” 22 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик,
номзади илмҳои таърих, дотсент Суфиев С.Н

**Котиби ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD)-и аз руйи
ихтисоси таърих, муаллими калон Ватанзода Ш.В.

«Имзоҳои С.Н. Суфиев ва Ш.В. Ватанзодаро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

20.11.2025

**Суроға:** 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ;
тел.: (833–22) 2–35–06; факс: (833–22) 2–35–06;
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj

«19» ноябри соли 2025